# ҲИСОБОТ
## оид ба сафари хизматӣ
### Сафар доштанд:

**Ҷафаров Аҳрор Саидолимович-** сардори маркази технологияҳои компютерӣ ва таълимӣ ва **Ҳабибов Абдураҳмон Ҳакимбоевич** – н.и.и., муаллими калони кафедраи мошин ва дастгоҳҳои истеҳсоли хӯрокаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

**Макони сафар:** Федератсияи Россия, ш. Москва

**Мӯҳлати сафар:** аз 26.11.2019 то 30.11.2019

Сафари хизматии мо ба шањри Москваи Федератсияи Россия дар асоси даъвати расмии Донишгоҳи давлатии техникии ба номи Баумани шаҳри Москва дар доираи лоиҳаи "**EXTEND"-и барномаи "Ерасмус+**"-и Иттиҳоди Аврупо бо розигии Вазорати маориф ва илми Љумњурии Тољикистон сурат гирифт.

**Маќсади асосии сафар** ширкат намудан дар семинари кории лоиҳа вобаста ба ҳалли масъалаҳо дар асоси нақшаи кории лоиҳа ба шумор мерафт. Зимни баргузории семинар ва нишастҳои корӣ дар асоси нақшаи корӣ масъалаҳои марбут ба идоракунии лоиҳа, таҳияи нақшаи устуворӣ ва талабот барои таҳияи барномаҳои таълимии 8 номгӯи курсҳо аз қабили **Project Based Learning (PBL), E-learning and ICT Tools, Foreign Languages for Engineering + Academic Writing, Research Based Learning (PhD Students), Active Learning Strategies, Curriculum Design and Development, Assessment, Communication** ба анҷом расонида шуданд ва татбиқи ин курсҳо дар донишгоҳҳои шарики лоиҳа гуруҳҳои муайяни корӣ ташкил ва муаззаф карда шуданд.

Чорабинӣ бо иштирок ва суханронии муовини ректори донишгоҳи мазкур оид ба таълим оғоз гардида, иштирокчиёни семинарро хайрамақдам гуфта, номбурда аз таҷрибаи бадастовардаи донишгоҳашон дар самти рушди таҳсилоти муҳандисӣ ва аҳамияти он барои соҳаҳои дигар ва инчунин роҳҳои такмили ин самти таҳсилоти заҳматталаб иттилоъ дод. Дар баробари ин қайд намуд, ки ба даст овардани чунин лоиҳа дар ин самт аҳамияти хеле калон дошта, натиҷаҳои бадастомада барои ҳама ҷонибҳо манфиатовар хоҳанд буд. Баъдан ҳамоҳангсози лоиҳа аз ФР Наталя Ватолкина аз Донишгоҳи давлатии техникии ба номи Баумани шаҳри Москва бо сухани ифтитоҳии худ баромад намуда, мақсаду маром ва натиҷаҳои то кунун бадастомадаи лоиҳаро арзёбӣ намуданд.

Сипас ҳамаи иштироккунандагони семинар ба шиносоӣ бо фазои таълимӣ дар озмоишгоҳҳои тахассусӣ ва илмии донишгоҳи мазкур, инчунин осорхонаи донишгоҳ сафарбар карда шуданд. Зимни шиносоӣ бо озмоишгоҳҳо маълум гардид, ки донишгоҳ дорои шароити муосир ва хеле пуриқтидори озмоишгоҳӣ буда, дар онҳо ҳам раванди таълим ва ҳам корҳои илмии таҷрибавии донишҷӯён гузаронида мешаванд, ки натиҷаи онҳо диплом ва сертификатҳои гуногун дар озмунҳо ва конференсияҳои гуногун мебошанд.

Баъд аз ифтитоҳи расмӣ ва шиносоӣ бо донишгоҳ муҳокимаи васеи сатҳи омодагии курсҳои зикршардида оғоз гардид ва шарикони лоиҳа нисбати иҷрои масъалаҳои марбут ҳисобот пешниҳод намуданд.

Дар рӯзи дуюми семинар мо дар форуми байналхалқии “Технологияи иттилоотӣ дар таҳсилоти муҳандисӣ: тамоюли нав ва таҷрибаи татбиқ” иштирок намудем. Дар кори форум намояндагони донишгоҳҳои бонуфузи Аврупо ва ФР аз дастовардҳо ва таҷрибаашон дар самти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар таҳсилоти муҳандисии фосилавӣ, идоракунии донишгоҳ, омӯзиши фанни математика, коркарди курсҳои таълимии эоектронӣ, таълимоти фарогир, инчунин масъалаҳои ҳуқуқиву меъёрӣ, ҳамкории байналхалқӣ дар ин соҳа маълумот дода, онро мавриби баррасӣ қарор доданд.

Ҳамчунин, дар давоми сафари корӣ маъалаҳои марбут ба идоракунӣ, танзими сафарҳои хизматӣ ва ташкили кори лоиҳа барои соли оянда дида баромада шуданд.

Ҳамин тариқ, кори семинари мазкур дар асоси барномаи кории тасдиқгардида пурра ба иҷро расонида шуда, дар фароварди семинар ба иштироккунандагон сертификатҳо оид ба иштирокашон дар кори семинар супурда шуданд.

**Барномаи маблаґгузорї**

Тамоми хароҷоти ба сафари мазкур вобаста аз ҳисоби буҷаи лоиҳаи “**EXTEND”-и** барномаи “Ерасмус+”-и Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ карда шуд.

**Расмҳо аз рафти баргузории воҳӯрӣ**

| | | |
|---|---|---|
|  | |  |
| Ифтитоҳи расмӣ | | Рафти семинар |
|  | |  |
| Рафти семинар | | Ҳисоботи гуруҳҳои корӣ |




Кушодашавии форум



Кори форум дар бахшҳо



Ҷаласаи пленарӣ дар форум




Шиносоӣ бо озмоишгоҳҳо




Супоридани сертификатҳо




Расми гуруҳӣ

***Аћрор ЉАФАРОВ*** ____________________

***Абдураҳмон ҲАБИБОВ*** ____________________

*ш. Душанбе, Донишгоћи технологии Тољикистон,*
*2-юми декабри соли 2019*